ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ
ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

# НИЗОМНОМАИ ОРДИНАТУРАИ КЛИНИКӢ

Душанбе - 2018

«Тасдиқ шудааст»
дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДТТ ба
номи Абӯалӣ ибни Сино аз «29»
ноября соли 2018 № 11
раиси Шӯрои олимон д.и.т., профессор
Гулзода М.Қ.
________________
«___»__________с.2018

# НИЗОМНОМАИ
# ОРДИНАТУРАИ КЛИНИКИИ
## МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

**Душанбе**

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Ординатураи клиникӣ (резидентура) ҷузъи сохтори бисёрзинавии таҳсилоти олии касбии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шакли мутаассили касбии таълимот дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд ДДТТ) мебошад.

1.2. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар асоси Оинномаи донишгоҳ, литсензия ва шаҳодатнома оид ба аккредитатсия ҳуқуқи тайёр намудани мутахассисонро дар ординатураи клиникӣ дорад.

1.3. Таҳсил дар ординатураи клиникии (резидентура) ДДТТ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Оид ба маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ», Оинномаи ДДТТ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ, Низомномаи мазкур ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқие, ки таҳсилоти олии касбиро дар ҷумҳурӣ танзим менамоянд, фаъолият менамояд.

1.4. Ҳадафи асосии таҳсил дар ординатураи клиникӣ – баланд бардоштан ва мукаммал сохтани савияи дониши назариявӣ ва амалии хатмкардагони ДДТТ ва мутахассисони соҳиби маълумоти олии соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ мебошад, ки ба қонеъ гардидани талаботи шаҳру ноҳияҳо бо кадрҳои баландихтисос мусоидат менамояд.

1.5. Вазифаи асосии таҳсил дар ординатураи клиникӣ тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои мухталифи тандурустӣ вобаста ба талаботи кафедраҳои клиникии донишгоҳ, беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ ва дигар муассисаҳои табобатии ҷумҳурӣ мебошад. Ҳамчунин ординатураи клиникии ДДТТ яке аз заминаҳои асосии тайёр намудани кадрҳои илмию педагогии донишгоҳ мебошад.

1.6. Таҳсил дар ординатураи клиникӣ аз рӯи ихтисосҳое, ки ба «Номгӯи ихтисосҳои табибӣ»-и амалкунанда мувофиқ мебошанд ва барномаю нақшаи таълимии ординаторони клиникӣ амалӣ мегардад.

## II. Қабул ба ординатураи клиникӣ (резидентура)

2.1. Барои қабул ба ординатураи клиникӣ як моҳ қабл аз оғози қабули ҳуҷҷатҳо дар васоити ахбори омма озмун эълон карда мешавад, ки дар он шартҳо ва мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳо бояд дарҷ ёфта бошад.

2.2. Дар ординатураи клиникӣ (резидентура)

- табибони то 35 солае, ки аз озмун гузаштаанд;
- кормандон дорои маълумоти олии тиббӣ, ки аз рӯи ихтисосашон собиқаи кории на камтар аз 3 сола доранд;
- ашхосе, ки муассисаи таҳсилоти олии тиббиро бо дипломи аъло хатм намудаанд, ҳуқуқи таҳсил намуданро доранд.

2.3. Ашхосе, ки муассисаи таҳсилоти олии тиббиро ба таври буҷавӣ хатм намудаанд, аммо собиқаи кориашон аз 3 сол камтар аст дар ординатураи клиникӣ тибқи роҳхати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳсил менамоянд.

2.4. Ба ординатураи клиникӣ мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ дар асоси озмун қабул карда мешаванд. Шаҳрвандони давлатҳои хориҷа, инчунин табибоне, ки аз тарафи муассисаҳои тиббии худмаблағгузор ва хусусӣ равон карда мешаванд, дар асоси қарордод дар ординатураи клиникӣ таҳсил менамоянд.

2.5. Қабули мутахассисон ба ординатураи клиникӣ ба таври буҷавӣ вобаста аз нақшаи пешбининамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Донишгоҳ вобаста аз имкониятҳои ба таҳсил фарогирии ординаторони клиникӣ метавонад, ба таври шартномавӣ илова ба нақша ба ординатураи клиникӣ қабул намояд.

2.6. Барои ба дараҷаи зарурӣ баргузор гардидани озмуни қабули ординаторони клиникӣ бо фармони Ректори донишгоҳ аз ҷумлаи кормандони Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ, шӯъбаи таълим, олимон ва мутахассисони варзидаи донишгоҳ комиссияи озмунӣ таъсис дода мешавад.

2.7. Комиссияи озмуниро муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ, ки танзими ординатураи клиникӣ дар ӯҳдаи ӯ аст, роҳбарӣ менамояд.

2.8. Ашхоси ба ординатураи клиникӣ қабулшаванда ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро бояд пешниҳод кунанд:

- ариза ба номи Ректори донишгоҳ;
- варақаи шахсии қайди кадрҳо бо сурат – 1 нусхагӣ;
- ҳолнома;
- нусхаи диплом оид ба маълумоти олии тиббӣ, нусхаи шаҳодатномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии баъдидипломӣ – 1 нусхагӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ – 1 нусхагӣ;

- тавсифномаи истеҳсолӣ, тавсиянома ва ё дархост аз ҷои кори асосӣ, муассисаи таълимӣ барои иштирок дар комиссияи озмунӣ;

2.9. Ашхоси бомуваффақият аз комиссияи озмунӣ гузашта бо фармони Ректори донишгоҳ ба сафи ординаторони клиникӣ шомил карда мешаванд.

2.10. Фармон оид ба қабули мутахассис ба ординатураи клиникӣ асоси озод намудани мутахассис аз ҷои кори қаблиаш мегардад.

2.11. Ворид намудани тағйирот ба қоидаҳои қабул ба ординатураи клиникӣ танҳо бо Қарори Шӯрои олимони ДДТТ имконпазир аст ва маълумот дар бораи тағйироту иловаҳои воридшуда бояд на камтар аз 3 моҳ қабл аз оғози қабули ҳуҷҷатҳо бояд эълон карда шавад.

## III. Таҳсил дар ординатураи клиникӣ (резидентура)

3.1. Таҳсил дар ординатураи клиникӣ рӯзона аст ва мӯҳлати таҳсил дар ординатураи клиникӣ (резидентура) ду сол мебошад.

3.2. Таҳсил дар ординатураи клиникӣ (резидентура) тибқи номенклатураи пешбинишудаи амалкунандаи тахассусии табибон ва дар асоси нақша ва барномаи таълимӣ амалӣ мегардад. Барнома ва нақшаҳои таълимӣ аз тарафи кафедраҳои клиникии донишгоҳ таҳия гашта, баъди баррасӣ дар Шӯрои илмӣ-методии донишгоҳ, дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ шуда, ҳар 5 соли таҷдиди назар карда мешаванд.

3.3. Тайёр намудани ординаторони клиникӣ таҳти роҳбарии мутахассисони варзидаи донишгоҳ, аз ҷумла мудирони кафедраҳо, профессору дотсентҳо, ассистентони унвондор ва муаллимони калон амалӣ мегардад. Ҳисоби сарбории таълимии ҳайати омӯзгорону профессорони кафедраҳо дар ҳаҷми 100 соат ба як ординатори клиникӣ гузаронида мешавад.

3.4. Давраи яксолаи таҳсил дар ординатураи клиникӣ (резидентура) аз 48 ҳафта иборат аст, ки дар маҷмӯъ 1728 соатро ташкил медиҳад. Тақсимбандии соатҳо дар нақша бояд 75% ба ихтисоси асосӣ ва 25% ба фанҳои дигар амалӣ карда шавад.

3.5. Барои ба таври зарурӣ тайёр намудани ординаторони клиникӣ мудири кафедрае, ки ба он ординатори клиникӣ сафарбар карда мешавад, масъул мебошад.

3.6. Таҳсил дар ординатураи клиникӣ мувофиқи нақшаи фардии ординатори клиникӣ, ки аз тарафи мудири кафедра дар асоси нақшаи намунавӣ таҳия

карда шуда, аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ тасдиқ карда мешавад, ба роҳ монда мешавад.

3.7. Нақшаи фардии ординатори клиникӣ дар ҷаласаи кафедра муҳокима мешавад ва на дертар аз як моҳи қабулшавӣ ба ординтураи клиникӣ тасдиқ карда мешавад.

3.8. Дар нақшаи фардии ординатори клиникӣ номгӯи мавзӯъҳои назариявӣ ва амалӣ, вақти иҷроиши онҳо, малакаҳои амалии зарурӣ, давраҳои таълимӣ дар дигар кафедраҳо ва лозимӣ дарҷ ёфтаанд.

3.9. Мӯҳлати таҳсил дар ординатураи клиникӣ (резидентура) ба собиқаи кории мутахассис дохил карда мешавад.

3.10. Бо фармони ректори донишгоҳ дар ҳолатҳои ҳомиладорӣ, парасторини тифли хурдсол ва ё бемории давомнокиаш зиёда аз 1 моҳ бо пешниҳоди асноди зарурӣ мӯҳлати таҳсил дар ординатураи клиникӣ дароз карда мешавад.

3.11. Ординаторони клиникие, ки дар муддати зиёда аз 1 моҳ бе сабабҳои узрнок ба дарс ҳозир намешаванд, нақшаи фардии худро иҷро намекунанд ва ё бар хилофи Оинномаи донишгоҳ амал намуда, Қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳро риоя намекунанд, бо пешниҳоди мудири кафедра ва Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ бо фармони ректори донишгоҳ аз сафи ординаторони клиникӣ хориҷ карда мешаванд.

## IV. Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои ординатори клиникӣ

4.1. Ашхоси ба ординатураи клиникӣ (резидентура) қабул гардида новобаста аз ҷинс, синну сол, миллат, нажод ва вазъи молиявӣ ҳуқуқҳои баробар дорад.

4.2. Ба ординаторони клиникии ба таври буҷавӣ таҳсилкунанда мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқиву иҷтимоӣ идрор (стипендия) муқаррар карда мешавад.

4.3. Ординатори клиникӣ ӯҳдадор аст, то кори табобатию профилактикиро вобаста ба реҷаи шӯъбаҳо дар ҳаҷми 50%-и меъёри муқарраршудаи сарбории табиби ихтисоси марбута иҷро намояд.

4.4. Ординатори клиникӣ дар соли аввали таҳсил дар шӯъбаи қабул ва шӯъбаҳои беморхона ҳамчун ёвари навбатдори масъул, баъдан метавонад мустақилона навбатдорӣ намояд.

4.5. Ординатори клиникӣ вазифадор аст, ки дар тартиб додани ҳисобот оид ба фаъолияти шӯъбаҳо, таҳлили ҳолатҳои фавтият ва номувофиқии ташхисҳо фаъолона иштирок намояд.

4.6. Иштирок ординатори клиникӣ дар лексияҳо, конфронсҳои илмию амалӣ, ҷаласаҳои ҷамъиятҳои илмӣ, таҳлилҳои патологоанатомӣ ҳатмӣ мебошад. Инчунин ӯ вазифадор аст, ки бо адабиёти нав ошно шавад, маҷаллаҳои илмии тахассусиро мутолиа намояд. Номгӯи адабиёти лозимӣ аз тарафи мудири кафедра тасдиқ карда мешавад.

4.7. Мувофиқи нақшаи фардии ординатори клиникӣ дар давоми сол ординатори клиникӣ на камтар аз 1 маротиба бояд дар ҷаласаи кафедра оид ба иҷроиши нақша ҳисобот диҳад. Дар охири соли таҳсил ординатори клиникӣ бояд аз аттестатсия гузарад.

4.8. Баъди ба итмом расидани мӯҳлати таҳсил бо фармоиши ректори донишгоҳ ординатори клиникӣ барои супоридани имтиҳони давлатӣ иҷозат дода мешавад.

4.9. Комиссияи аттестатсионии давлатӣ бо фармони ректори донишгоҳ таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи аттестатсионӣ, аъзоёни он, вақт ва макони гузаронидани аттестатсияи давлатӣ аз тарафи ректори донишгоҳ бо фармоиш муайян карда мешавад.

4.10. Ба ординаторони клиникие, бомуваффақият аз комиссияи аттестатсионӣ мегузаранд, шаҳодатномаи оид ба хатми ординатураи клиникӣ дода мешавад.

## V. Ординатураи клиникии мақсаднок

5.1. Қабул ба ординатураи клиникии мақсаднок вобаста аз эҳтиёҷоти муассисаҳои табобатию профилактикӣ ба кадрҳои баландихтисос аз рӯи нақшаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мегардад. Таҳсил дар ин ҳолат ба таври буҷавӣ ва ё шартномавӣ мебошад.

5.2. Донишгоҳ метавонад вобаста ба дархости муассисаҳои табобатию профилактикӣ бо бастани шартномаи сетарафа байни муассисаи табобатӣ, донишгоҳ ва ординатори клиникӣ мутахассисоне, ки собиқаи кориашон аз 3 сол зиёд аст ба ординатураи клиникӣ қабул намояд. Таҳсил дар ин ҳолат фақат тариқи шартномавӣ мебошад. Дар ҳолатҳои истисноӣ аз руи баъзе ихтисосҳои барои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ муҳим таҳсили чунин мутахассисон тариқи буҷавӣ сурат мегирад.

5.3. Шартномаи сетарафа ординатори клиникиро ӯҳдадор месозад, ки баъди ба итмом расидани таҳсил ҳатман ба ҷои кори аввала баргардад. Донишгоҳ барои фароҳам овардани шароити мусоиди таълим барои ординатори

клиникӣ ва баъди ба итмом расидани мӯҳлати таҳсил ва гузаштан аз аттестатсия ординатори клиникиро бо шаҳодатномаи оид ба хатми ординатураи клиникӣ таъмин намояд. Муассисаи табобатӣ барои бо кор таъмин намудани хатмкардаи ординатураи клиникӣ ӯҳдадор мегардад.

5.4. Ба ординаторони клиникии ба таври мақсаднок таҳсилкунанда ҳама ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки дар Низомномаи мазкур дарҷ ёфтааст, тааллуқ дорад.

5.5. Бе мувофиқа бо ректор ва Шӯрои олимони донишгоҳ иваз намудан ва ворид намудани тағироту иловаҳо ба низомномаи мазкур қатъиян манъ аст.

**Варақаи розигӣ**

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи розигӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим | Ибодов С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Юсуфӣ С.Ҷ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Директори Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудов Х.Р. | | |
| 7. | Сардори бахши таъминоти ҳуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | | |